ТАҚРИЗИ

мукарризи расмӣ ба диссертатсияи Музафарзода Марҷонаи Шарифбег дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ дар Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.5 – Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ

1. Мутобиқати мавзӯъ ва мазмуни диссертатсия ба ихтисосҳои илмие, ки дар доираи онҳо таҳқиқот анҷом дода шудааст. Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсияи пешниҳодшуда ба шиносномаи ихтисоси илмии 5.5.5 - Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 сентябри соли 2025, №10 тасдиқ шудаанд, мувофиқат мекунанд. Мавзӯи таҳқиқоти мазкур ба самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2020 №503 тасдиқ гардидааст, дохил шуда, ба банди нӯҳум «масъалаҳои марбут ба ҳуқуқшиносӣ» мувофиқат менамояд.

Таҳқиқоти мазкур ба баррасии яке аз институтҳои муҳими ҳуқуқи меҳнат – шарикии иҷтимоӣ бахшида шуда, дар он муносибатҳои ҳуқуқии мураккаби вобаста ба ҳамкории сеҷонибаи субъектҳои бозори меҳнат, аз ҷумла давлат, корфармоён ва кормандон мавриди таҳлили амиқи илмӣ қарор гирифтаанд.

Дар фарқият аз бархе таҳқиқоти қаблӣ, ки бештар ба ҷанбаҳои алоҳидаи шарикии иҷтимоӣ нигаронида шудаанд, диссертатсияи мазкур кӯшиш менамояд, ки ин падидаро ҳамчун як низоми мураккаби иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ, ки дорои сохтор, принсипҳо ва механизми дохилии худ мебошад, мавриди таҳқиқ қарор диҳад.

Ин ҷиҳат ба таври возеҳ нишон медиҳад, ки мазмуни диссертатсия на танҳо ба доираи предмети ҳуқуқи меҳнат мувофиқат менамояд, балки онро аз нигоҳи назариявӣ ғанӣ месозад.

2. Мубрамият ва аҳаммияти мавзуи таҳқиқот Мубрамияти мавзуи диссертатсионӣ бо вазъи вокеии рушди муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тағйироти амиқи онҳо дар шароити муосир муайян мегардад.

Дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ, тағйирёбии шаклҳои шуғл ва афзоиши муносибатҳои меҳнатии ғайристандартӣ, механизмҳои анъанавии танзими муносибатҳои меҳнатӣ тадриҷан самаранокии худро аз даст медиҳанд. Дар чунин шароит, шарикии иҷтимоӣ ҳамчун механизми

мутобиқшаванда ва чандир, ки метавонад тавозуни манфиатҳои субъектҳои гуногунро таъмин намояд, аҳаммияти калидӣ пайдо мекунад.

Бо вуҷуди ин, таҳлили ҳолати амалии шарикии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки сатҳи рушди институтсионалии он ҳанӯз ҳам маҳдуд мебошад, иштироки воқеии кормандон дар идоракунии муносибатҳои меҳнатӣ пурра таъмин намегардад, механизми татбиқи шартномаҳои коллективӣ на ҳамеша самаранок аст, нақши шарикони иҷтимоӣ дар ташаккули сиёсати меҳнатӣ то ҳол ба сатҳи зарурӣ нарасидааст.

Дар баробари ин, қонунгузории амалкунанда низ на ҳамеша ба талаботи муосир ҷавобгӯ буда, дар он як қатор норасоиҳои консептуалӣ ва танзимӣ ба назар мерасанд.

Аз ин рӯ, таҳқиқоти пешниҳодшуда, ки ба таҳияи асосҳои назариявӣ ва пешниҳод намудани роҳҳои такмили танзими ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ нигаронида шудааст, дорои аҳаммияти баланди илмӣ ва амалӣ мебошад.

3. Дараҷаи таҳқиқи масъала ва навгонии илмӣ. Таҳлили адабиёти илмии марбут ба мавзуъ нишон медиҳад, ки масъалаҳои шарикии иҷтимоӣ дар илми ҳуқуқи меҳнат мавриди таваҷҷуҳи олимони ватанӣ ва хориҷӣ қарор гирифтаанд. Бо вуҷуди ин, дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқоти муҷтамаъ, ки шарикии иҷтимоиро ҳамчун як низоми ягонаи ҳуқуқӣ-ташкилӣ бо дарназардошти хусусиятҳои миллӣ баррасӣ намоянд, маҳдуд мебошанд. Дар ин замина, диссертатсияи пешниҳодшуда кӯшиши ҷиддии илмӣ барои бартараф намудани ин холигӣ ба ҳисоб меравад.

Навгонии илмии таҳқиқот, пеш аз ҳама, дар равиши методологии интихобнамудаи муаллиф зоҳир мегардад, ки дар доираи он шарикии иҷтимоӣ ҳамчун падидаи бисёрсатҳа ва бисёрҷанба мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Музафарзода Марҷонаи Шарифбег кӯшиш намудааст, ки мафҳуми шарикии иҷтимоиро аз нав шарҳ диҳад, онро ҳамчун институти нисбатан мустақили ҳуқуқи меҳнат асоснок намояд, низоми субъектҳо ва муносибатҳои дохилии онро муайян намояд, масъалаҳои марбут ба мутобиқсозии он ба шароити рақамикунонӣ баррасӣ намояд.

Навовариҳои пешниҳодшуда мушаххас ифода ёфта, тавассути таҳлили амиқи муқоисавӣ ва пешниҳоди механизмҳои мушаххаси татбиқ тақвият дода шудаанд, ки натиҷаҳои таҳқиқотро боз ҳам мустаҳкам намудааст.

4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои илмӣ. Таҳлили диссертатсия ва автореферат нишон медиҳад, ки муаллиф дар раванди таҳқиқот аз маҷмӯи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси ҳуқуқӣ, аз ҷумла усулҳои таҳлили мантиқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва низомнок ба таври мақсаднок истифода намудааст.

Ин равиши методологӣ имкон додааст, ки масъалаҳои вобаста ба шарикии иҷтимоӣ на танҳо дар сатҳи тавсифӣ, балки дар доираи муносибатҳои дохилии онҳо мавриди таҳлил қарор гиранд.

Илова бар ин, истифодаи сарчашмаҳои гуногун, аз ҷумла адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ, ба таҳқиқот хусусияти муҷтамаъ бахшида, ҷанбаҳои эмпирикӣ онро боз ҳам мукаммалтар намудаанд.

5. Мазмун ва сохтори диссертатсия. Сохтори диссертатсия аз муқаддима, се боб, зербобҳо, хулоса ва тавсияҳои амалӣ иборат буда, дар маҷмӯъ мантиқӣ буда, пайдарпаии баррасии масъалаҳо аз умумӣ ба хусусӣ ва аз назариявӣ ба амалӣ риоя гардидааст.

Дар боби якум муаллиф кӯшиш намудааст, ки мафҳум, моҳият ва таҳаввулоти шарикии иҷтимоиро дар доираи назарияҳои мавҷуда баррасӣ намояд. Ҷиҳати мусбат он аст, ки муаллиф доираи васеи андешаҳои илмиро фаро гирифта, ба таҳлили муқоисавии онҳо муроҷиат менамояд. Бо назардошти таърифҳои гуногуни мафҳуми шарикии иҷтимоӣ, ки дар маъхазҳои илмӣ ва таълимии ватанӣ ва хориҷӣ дода шудаанд, муаллиф таркибҳои асосии мазмуни мафҳуми мазкурро муайян намудааст, ки аҳамияти муҳими илмӣ доранд. Хулоса мегардад, ки институти шарикии иҷтимоӣ на танҳо ҳамчун воситаи танзими муносибатҳои меҳнатӣ амал мекунад, балки ҳамчун омили муҳими субот дар низоми иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ки мувозинати манфиатҳои давлат, корфармоён ва кормандонро таъмин намуда, инкишофи модели одилона ва муассири ҳамкории иҷтимоиро таъмин мекунад.

Дар боби дуюм муаллиф масъалаҳои марбут ба танзими ҳуқуқии шарикии иҷтимоиро дар сатҳи байналмилалӣ ва миллӣ баррасӣ менамояд. Таҳлили санадҳои байналмилалӣ ва конунгузории миллӣ ҷиҳати мусбат буда, ба таҳқиқот хусусияти муқоисавӣ мебахшад. Ба андешаи муаллиф санадҳои байналмилалии ин самт ҳамчун манбаъҳои муҳими танзими муносибатҳои гуногуни ҷамъиятӣ, аз ҷумла муносибатҳои меҳнатӣ хизмат менамоянд. Аз ҷумла, дар Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бошад, меъёрҳо оид ба манъи маҳдудсозии ҳуқуқ ба меҳнат ва таъмини шароитҳои мусоиди меҳнат, ҳуқуқ ба истироҳат, ба таъминоти иҷтимоӣ, ба сатҳи кофии зиндагӣ, ба мунтаззам бехтар намудани шароити меҳнат ва дигар ҳуқуқҳои иҷтимою меҳнатӣ муқаррар шудаанд.

Дар ин бахши кор муаллиф принсипҳои шарикии иҷтимоиро таҳлил намуда, ба хулосае моеяд, ки онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра амалӣ намегарданд. Механизмҳои шарикӣ – комиссияҳои сетарафа, дутарафа,

мақомоти арбитражӣ, мақомоти созишу оштикунонӣ ва ё ризоиятӣ самараи дилхоҳ надоранд, дурнамои самтҳои рушди онҳо муайян нестанд ва заминаҳои муносиби ҳуқуқӣ таҳия нашудаанд. Аз ин рӯ, муаллиф пешниҳод менамояд, ки бо назардошти самтҳо ва равишҳои рушди муносибатҳои меҳнатию иҷтимоӣ дар Тоҷикистон Консепсияи рушди низоми шарикии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи миёнамуҳлат таҳия ва қабул карда шавад.

Ҳамчунин, дар кор аз ҷониби муаллиф шартномаи коллективӣ ҳамчун институти ҳуқуқи меҳнат ва санади меъёрии ҳуқуқии дохилӣ (локалӣ) дар силсилаи дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки мавқеи хоси худро дорад, баҳо дода мешавад. Меъёру муқаррароти шартномаи коллективии мутобиқи қонунгузорӣ басташуда, барои ташкилот ҳатмӣ буда, вазъ ва ҳолати кормандонро дар киёс бо муқаррароти тибқи қонун пешбинишуда паст карда наметавонад. Аз натиҷаи омузиши таҷрибаи байналмилалӣ дар ин бахши кор қувваи ҳуқуқии шартномаҳои коллективӣ аз рӯи се категорияи асосӣ муайян карда шудааст: 1) таносуб ва фарқияти байни шартномаҳои коллективӣ ва шартномаҳои меҳнатии инфиродӣ; 2) доираи амали шартномаҳои коллективӣ нисбат ба кормандон - аъзои иттифоқи касаба; 3) имконияти татбиқи муқаррароти шартномаҳои коллективӣ тавассути суд. Мавриди зикр аст, ки ин нуктаи таҳқиқиот аҳамияти муҳими илмӣ дорад.

Дар боби сеюм муаллиф ба таҳлили субъектҳои шарикии иҷтимоӣ ва нақши онҳо дар танзими муносибатҳои меҳнатӣ диққати махсус додааст. Ҷиҳати мусбат он аст, ки муаллиф кӯшиш намудааст, ки ваколатҳои давлат, ҳуқуқу уҳдадориҳои корфармоён, иштироки кормандон ва намояндагони онҳоро дар як низоми ягона баррасӣ намояд.

Аз ҷониби муаллиф чунин таксимбандии субъектҳои шарикии иҷтимоӣ пешниҳод карда шудааст: 1) кормандон ва мақомоти намояндагии онҳо; 2) корфармоён ва иттиҳодияҳои корфармоён; 3) мақомоти давлатӣ, ки ваколатҳои дахлдорро дар соҳаи меҳнат ва ҳифзи иҷтимоиро амалӣ менамоянд. Ҷойгоҳи давлат дар низоми шарикии иҷтимоӣ муайян шудааст, ки муқаррарсозии кафолатҳои давлатии ҳуқуқ ба меҳнат ва озодии шаҳрвандон, фароҳам овардани шароитҳои мусоиди меҳнат, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии кормандон ва корфармоён, ҳадафҳои асосии қонунгузорӣ оид ба меҳнат ба ҳисоб мераванд.

Дар ин бахши кор муайян мешавад, ки маҷлиси умумии кормандон ҳамчун субъекти вокеии коллективии муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои бевосита ба онҳо алоқаманд, имконият медиҳад, ки кафолатҳои асосии давлатӣ, ки ба амалӣ гардондани ҳуқуқҳои кормандон нигаронда шудаанд, дуруст муайян карда шаванд. Бо назардошти ин,

пешниҳоди муаллиф дар хусуси ба моддаи 1 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон илова намудани мафҳуми Шӯрои коллективи меҳнатӣ кобили датсгирӣ мебошад.

Ҳамзамон, баррасии масъалаҳои марбут ба рақамикунонӣ ва таъсири он ба шарикии иҷтимоӣ, яке аз ҷанбаҳои муосири таҳқиқот ба ҳисоб меравад.

Автореферати диссертатсия мазмуни асосии таҳқиқотро дар бар гирифта, бо сохтор ва мантики диссертатсия мутобиқ мебошад.

6. Аҳаммияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳо. Аҳаммияти назариявии диссертатсияи пешниҳодшуда, пеш аз ҳама, дар кӯшиши муаллиф ҷиҳати ташаккули як равиши нисбатан мукаммали илмӣ ба таҳқиқи институти шарикии иҷтимоӣ зоҳир мегардад. Дар доираи таҳқиқот, шарикии иҷтимоӣ на танҳо ҳамчун механизми танзими муносибатҳои меҳнатӣ, балки ҳамчун падидаи мураккаби иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ, ки дорои ҷанбаҳои иқтисодӣ, ташкилӣ ва сиёсӣ мебошад, баррасӣ гардидааст.

Ин равиш имкон медиҳад, ки доираи масъалаҳои назариявии ҳуқуқи меҳнат васеъ гардонида шавад, замина барои таҳқиқоти минбаъда дар самти шарикии иҷтимоӣ фароҳам оварда шавад ва баъзе норасоиҳои мавҷуда дар доктринаи миллӣ бартараф гарданд.

Ҳамзамон, дар таҳқиқот кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки шарикии иҷтимоӣ ҳамчун як институти нисбатан мустақили ҳуқуқи меҳнат асоснок карда шавад, ки ин ҷиҳат дорои аҳаммияти муайяни илмӣ мебошад.

Дар мавриди аҳаммияти амалии натиҷаҳо, бояд қайд намуд, ки пешниҳодҳои муаллиф метавонанд барои такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи меҳнат истифода шаванд, дар фаъолияти мақомоти давлатӣ ва шариконӣ иҷтимоӣ татбиқ гарданд, барои такмил додани механизми музокироти коллективӣ ва фаъолияти комиссияҳои сетарафа мусоидат намоянд.

7. Нашри натиҷаҳои таҳқиқот оид ба мавзуи диссертатсия Таҳлили автореферат нишон медиҳад, ки натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар як қатор мақолаҳои илмии муаллиф инъикос ёфтаанд. Қисми назарраси ин мақолаҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, ки ба талаботи амалкунанда ҷавобгӯ мебошад. Ҳамзамон, натиҷаҳои таҳқиқот дар чорабиниҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ муҳокима гардидаанд, ки ин ба апробатсияи онҳо мусоидат намудааст.

8. Мутобиқати тартиби барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Таҳлили сохтор, мазмун ва тартиби барасмиятдарории диссертатсия нишон

медиҳад, ки он ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Сохтори диссертатсия аз ҷиҳати мантиқӣ дуруст ташкил ёфта, пайдарпаии бобҳо ва зербобҳо риоя гардидааст.

Мухтавои таҳқиқот унсурҳои зарурии кори илмиро дар бар мегирад, аз ҷумла: асосноккунии мубрамият; муайян намудани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот; навгонии илмӣ; аҳаммияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳо; хулосаҳои асоснок ва пешниҳодҳои илмӣ.

9. Камбудиҳо ва нуқсонҳо. Бо вуҷуди арзёбии мусбати умумии диссертатсия, дар раванди таҳлили мазмуни он як қатор масъалаҳои баҳснок ва норасоиҳои методологӣ ва амалии алоҳида ба назар мерасанд, ки ба назари мо, метавонанд барои такмили минбаъдаи таҳқиқот аҳаммияти муайян дошта бошанд, аз ҷумла:

1) Дар бахши таҳлили мафҳумии шарикии иҷтимоӣ, муаллиф кӯшиш намудааст, ки таърифи муаллифонаи онро пешниҳод намояд. Бо вуҷуди ин, дар баъзе мавридҳо фарқияти байни категорияҳои «шарикии иҷтимоӣ», «муколамаи иҷтимоӣ» ва «ҳамкории иҷтимоӣ» дар сатҳи консептуалӣ ба таври кофӣ дақиқ асоснок карда нашудааст. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки муносибати методологӣ ба муайян намудани сарҳади ин мафҳумҳо метавонист амиқтар ва бо такя ба доктринаи умумии ҳуқуқи меҳнат таҳким ёбад.

2) Дар қисмати таҳлили принсипҳои шарикии иҷтимоӣ, муаллиф як қатор принсипҳоро зикр намудааст, аммо дар баъзе ҳолатҳо муносибати байни онҳо ва механизми татбиқи амалии онҳо ба таври низомнок ва пайдарпай нишон дода нашудааст. Ин ҳолат метавонад ба дарки пурраи низоми принсипҳои пешниҳодшуда таъсир расонад.

3) Дар боби дуюм, ки ба таҳлили танзими меъёрӣ-ҳуқуқӣ бахшида шудааст, истифодаи санадҳои байналмилалӣ ҷиҳати мусбат мебошад, аммо масъалаи мутобиқсозии онҳо ба низоми ҳуқуқии миллӣ бештар дар сатҳи умумӣ баррасӣ гардидааст. Аз ҷумла, таҳлили механизми имплементатсияи стандартҳои байналмилалӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонист амиқтар анҷом дода шавад.

4) Дар бахши марбут ба шартномаҳои коллективӣ, муаллиф нақши онҳоро дуруст арзёбӣ менамояд, аммо таҳлили самаранокии онҳо дар амал, аз ҷумла масъалаҳои иҷро, назорат ва ҷавобгарӣ барои вайронкунии онҳо, ба таври кофӣ инъикос наёфтааст.

Бо вуҷуди камбудиҳои зикршуда, бояд таъкид намуд, ки онҳо хусусияти баҳснок дошта, арзиши умумии илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд.

Хулосаи умумӣ. Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Музафарзода Марҷонаи Шарифбег дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ дар Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ буда, ба яке аз масъалаҳои муҳими муосири ҳуқуқи меҳнат бахшида шудааст. Таҳқиқот дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалии муайян буда, натиҷаҳои он метавонанд барои рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи меҳнат ва такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шаванд.

Бо назардошти талаботи муқаррарагардидаи Комиссияи олии аттестатсионӣ, аз рӯи мазмун ба талаботи муқаррарагардидаи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.5 - Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ сазовор мебошад.

Муқарризи расмӣ:
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
директори Муассисаи давлатии
“Маркази барномаҳои байналмилалӣ” Одиназода Р.С
«29» мая 2026
Суроғаи муқарриз:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, н. Сино к. Яккачинор, 142/3 хонаи 41
Тел: (992)-223-23-59, мобили: (992) 00-500-74-74
Почтаи электрони: ramazon-84@mail.ru

Суроғаи муассиса:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, к. М.Турсунзода, 47
Тел: (992)-223-23-59, мобили: (992) 903-30-40-00
Почтаи электронӣ: mbb-2008@mail.ru.

Имзои Одиназода Р.С. **тасдиқ менамоям:**
Мудири бахши корғузорӣ, кадр ва ҳуқуқи
Муассисаи давлатии “Маркази барномаҳои
байналмилалӣ” Имомзода М.М.
«29» мая 2026 с.